# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Номанигорӣ ё тарассул дар таърихи насри форсӣ собиқаи беш аз ҳазорсола дорад. Қабл аз ислом низ номанигории форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд буд, аммо бо забонҳои бостонӣ. Бояд қайд кард, ки таърихи номанигорӣ бо таърихи давлатдориҳову хукуматҳои сиёсӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Бинобар ин, дар давлатҳои қадимаи тоисломии эронӣ, амсоли Ҳахоманишиён ва Сосониён дар доираҳои дарборӣ ва сиёсӣ номанигорӣ ба авҷи рушду инкишофи худ нойил гашт; чунончи, аз шоҳаншаҳони дудаҳои мазкур намунаҳои зиёде аз номаҳо боқӣ мондаанд, ки катибаҳои зиёд шоҳиди ин гуфтаҳоянд.

Дар даврони исломӣ бошад, номанигории форсӣ дар замони Сомониён ва Ғазнавиён ба марҳалаи инкишоф нойил шуда, дар замони Хоразмшоҳон ва Салоҷиқа ин марҳаларо ба нуқтаи авҷи худ иттисол намуд. Бахусус, дар давраи дувуми салтанати Салоҷиқа, ки аз ибтидо то интиҳои садаи XII мелодиро дар бар мегирад, бо таълифи чанде аз осори мухтас(с) бар нигориши номаҳову руқаот, амсоли: «Ат-тарассул ила-т-тавассул»-и Бадруддини Румӣ, «Ат-тавассул ила-т-тарассул»-и Баҳоуддин Муҳаммад Муайяди Бағдодӣ, «Абкор-ул-афкор фӣ расоил-ил-ашъор»-и Рашидуддини Ватвот, «Макотиб»-и Саноии Ғазнавӣ, «Номаҳои форсӣ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва монанди инҳо номанигорӣ ҳам бо забони арабӣ ва ҳам форсӣ-тоҷикӣ ба ҳадди басо баланд рушду тараққӣ кард.

Миёни осори мансури бар номаву тарассул тахассусёфта дар асри мавриди назар ҷойгоҳи рисолаи Айнулқузоти Ҳамадонӣ зери унвони «Номаҳо» махсус аст, чун асари мазкур аввал иң ки бо забони форсӣ нигошта шудааст, баъдан, забону услуби он басо содаву равон мебошад.

Бо ин ки адабиётшиносони чи ватаниву чи хориҷӣ зимни таҳқиқи мавзуоти ҷудогуна дар атрофи «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва вижагиҳои мутафовити он ҷо-ҷо изҳори назар кардаанд, аммо ҳақиқат ин аст, ки то ҳанӯз ягон муҳаққиқе дар бобати хусусиёти гуногуни асари мазкур аз дидгоҳи адабиётшиносӣ қалами пажӯҳиш нафарсудааст. Дар иртибот бо ин метавон гуфт, ки рисолаи диссертатсионии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» таҳқиқоти **дастнохӯрдаву нав** ва, ба истилоҳ, **актуалӣ** ва **мубрам** ба ҳисоб рафта, мавзуи мавриди баҳс ва масоили зитаҳқиқи он то бад-ин рӯзон дар густараи як коркарди диссертатсионӣ ҳусни анҷом напазируфтааст.

Мавзуи таҳқиқии интихобнамудаи унвонҷӯ аз ҷумлаи мавзуъҳое шумурда мешавад, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти қобили таваҷҷуҳи мавзуи** кори илмии унвонҷӯйи мазкур дар он инъикос мегардад, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин бор дар шакли як таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ насри классикии форсу тоҷик дар намои жанри махсуси он – тарассул ё номанигорӣ, он ҳам дар намунаи асари махсус – «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мавриди таҳқиқи фарогир қарор дода шудааст.

**Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии** Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар он инъикос мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик номанигории форсӣ-тоҷикӣ дар асоси асари алоҳидаи мансури классикӣ «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба таври мукаммал таҳқиқу пажуҳиш шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода мешавад. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки дар он нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик номанигории форсӣ-тоҷикӣ аз дидгоҳи навъшиносӣ, сабку услуб таҳқиқ шуда, расму ойини дабирӣ, мақоми табақоти дабирон дар давраҳои гуногун, махсусан дар замони салтанати Салҷуқиён, анвои нома ва сабку шеваҳои номанигорӣ дар даврони мазкур ва монанди инҳо мавриди пажӯҳиш воқеъ гашта, натиҷаҳои таҳқиқотро дар омӯзиши қисмати сабкшиносии осори мансур, ба хосса таҳқиқи насри тарассул дар мисоли асари маъруфи асри XII – «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, метавон ба таври васеъ мавриди судгирӣ қарор дод.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар иртибот бо мавзуи таҳқиқаш 65 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст. Аз мақолаҳои илмӣ 24-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Федератсияи Россия, 41-тои боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо чоп гардидаанд. **Маводи**

**банашррасида** бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамояд ва, бад-ин тариқ, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович** аз муқаддима, 4 боб, 17 фасл, 14 зерфасл ва хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, дар маҷмуъ 382 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад. Ҳар як боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо услуб хуби илмӣ таҳқиқ шуда, дар ҳар кадом саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаву баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи қиёсии номаҳои форсӣ-тоҷикӣ дар насри классикӣ, бахусус даврони Салҷуқиён, аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия – **«Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва мероси илмию адабии ӯ»** аз чаҳор фасл иборат буда, муаллиф кӯшидааст дар онҳо қаблан роҷеъ ба зиндагинома ва рӯзгори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, баъдан, дар хусуси осори мафқуд ва мавҷуд, яъне бамеросмондаи адиб таҳқиқот бурдааст. Он чи дар ин боб бештар аз ҳама таваҷҷуҳҷалбкунанда аст, ковишҳову пӯйишҳои муаллиф роҷеъ ба интисоби осор ба Айнулқузот, чигунагии аз байн рафтан ва мавҷуд будани осори ӯ мебошад, ки муаллиф дар ин бобат заҳамоти бисёре кашидааст.

Дар боби 2-юми диссертатсия - **«Таърихи татаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»**, ки аз чор фаслу 3 зерфасл иборат мебошад, муаллиф дар он роҷеъ ба пайдоиши хат ва оғози номанигорӣ то давраи Сосониён, чигунагии номанигорӣ дар замони Сосониён, ҳамчунин, оини тарассул ва

муншаотнависӣ дар аҳди хонадонҳои сиёсии давраиисломӣ – Сомониён, Оли Бӯя, Оли Зиёр, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён таҳқиқот бурда шудааст.

Он чи дар боби мазкур шоистаи дарҷ аст, руҷуи мӯшикофонаи муаллиф бар деринаи номанигорӣ ё тарассул ба забони форсӣ-тоҷикӣ аст, ки намогари андешаи жарфу бопаҳнои вай хоҳад буд. Муаллиф тавониста, то ҳадди ситоиш бар гузаштаи муншаотнависии форсӣ назари муҳаққиқона дӯхта, пайдоиш, инкишоф ва рушду таҳаввули онро дар даврони хонадонҳои сиёсии тоисломӣ, дар мисоли охирин сулолаи давраи мазкур – Сосониён ва салосили сиёсии баъдазисломӣ, ки номи онҳо дар боло зикр шуд, баррасӣ бикунад. Зимни мурочиат бар ҳар давраи таҳаввулу тараққии номанигорӣ муаллиф бо овардани ановини кутубу осори мухтасс бар мавзуи зибаҳс бар ҷанбаи таҳқику тадқиқи хеш фузудааст.

Дар боби 3-юми диссертатсия – **«Вижагиҳои адабиву услубии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ»**, ки муҳтавии чаҳор фасл ва 5 зерфасл мебошад, муаллиф роҷеъ ба вижагӣ, суннат ва забон, услубу шеваи номанигории Айнулқузоти Ҳамадонӣ, истифодаи вожаҳову ибораҳои арабӣ, ирфонӣ, қуръонӣ ва дигар нукоту хусусиёт дар «Номаҳо»-и ӯ таҳқиқот бурдааст. Дар ҳар фаслу зерфаслҳо муаллиф бо амсилаи шоҳид аз асари Ҳамадонӣ андешаҳои хешро муҳаққақу мудаллал намуда, ҷанбаи илмии хешро тақвият бахшидааст.

Дар боби 4-ми диссертатсия – **«Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ»**, ки фарогири 5 фаслу 3 зерфасл мебошад, муаллиф роҷеъ ба нусахи мутавотири «Номаҳо»-и Ҳамадонӣ, назари мунтақидона ба нашрҳои асари мазкур, баррасии хусусиёти адабии «Номаҳо» ва амсоли инҳо изҳори назар кардааст. Дар ин қисмати кор он чӣ дар баробари дигар масоили мавриди таҳқиқ қобили таваҷҷуҳ аст, инҳо руҷуъ ва мулоҳизаронихои муаллиф дар бобати ашъори Айнулқузоти Ҳамадонӣ, чигунагии мансубияти онҳо ба адиб, корбурди фаҳлавиёт дар «Номаҳо»-и вай, таъйини муаллифини баъзе ашъори мустафод дар асар, аҳаммияти номаҳои Ҳамадонӣ дар маърифат ва таъйини мазомини ашъори «Номаҳо», таъсирпазирии Ҳамадони аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дигар матолиби марбут бар асари фавқуззикр мебошанд.

**Хулосаи диссертатсия** Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дарбаргирандаи асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 30 банд натиҷагирӣ шудааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович баъзе камбудҳову ғалатҳо мушоҳида мешаванд,

ки бар ҳусну тамомати кор то ҷое халал ворид месозанд. Бинобар ин, ҷиҳати пешрафти таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Ба андешаи мо, унвони боби дувуми диссертатсия, ки **«Таърихи таттаввур ва мухтассоти тарассул ва номаҳои форсӣ-тоҷикӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** мебошад, нисбатан дарозтар аст. Агар ин ном дар гунаи **«Таърихи ташаккул ва татаввури номанигории форсӣ то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ»** ихтисор мегардид, хубтар мешуд; зеро деринаи тарассул дар адаби форсиро дар маҳсураи ду ҷанба: ташаккул ва татаввур метавон баррасӣ кард.

2. Дар ду боби охири кор муаллиф дар хусуси мухтассоти адабии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ мулоҳизаронӣ намудааст, – дар боби 3-юм роҷеъ ба вижагиҳои сабкии асар ва дар боби 4-ум дар хусуси ин ки асари мазкур ҳамчун сарчашмаи адабӣ аст. Муаллиф дар бобҳои фавқуззикр фаслҳову зерфаслҳоеро ба ҷанбаҳо ва хусусиёти адабии асари Айнулқузоти Ҳамадонӣ ихтисос додааст, ки ҳамагӣ дар гирди як меҳвар: баррасии «Номаҳо» ба ҳайси як асари адабӣ-бадеӣ давр мезананд. Бад-ин муҷибот, агар муаллиф мавзуоти зикршударо аз ҳар ду боб барчида, дар як фасле алоҳида ҷой медод, хубтар мешуд, чи дар боби 3-юм, чи дар боби охир.

3. Дар кор, баъзан, дар иртибот бо имлову китобат лағжишҳову фурӯгузоштҳое ба дида дармеоянд, ки то ҳадди каме ҳам бошад, муҷиби костагии кор мегарданд. Чунончи, як аз онҳо ба кор бурдани ду гунаи мухаффафи пайвандаки пайвасткунандаи **«ва» – «-ву», «-ю»** мебошад. Масалан, ҳангоми овардани вожаи «илмӣ» ва дигар вожаҳои бад-ин монанд, ки бо садонок анҷом мепазиранд, бо мухаффафоти пайвандаки мазкур, муаллиф гоҳе гунаи «-ву», гоҳе гунаи «-ю»-ро истифода мекунад. Хубтар мебуд, дар кор як гунаи он, ба вижа гунаи«-ву», ки бори қидмату адабияти он гаронтар аст, ба кор бурда мешуд.

Аммо вуҷуди хатоҳои мазбур, дар умум, бар камол ва пуррагии кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, зеро онҳо ислоҳпазиранд ва муаллиф метавонад дар корҳои минбаъдаи хеш, аз ҷумла зимни омодасозии монографияи илмияш, онҳоро ислоҳ намояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, бо меъёрҳои роиҷи кори илмӣ мутобиқат менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва

масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).

Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи кор ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, таҳқиқоти доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси **10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)** сазовор мебошад.

Муқарриз:
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара: Саидҷаъфаров О.Ш.
Сана: 24.05.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, кӯч. Марказӣ
Тел: (+992) 909093184
E-mail: Ozod_060374@mail.ru

Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара: Тоирзода С.Т.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, куч. Марказӣ, 25
Тел: (+992) 8331222806; 905773310
E-mail: dddangara_2013 @mail.ru;
avliyoqulov97@mail.ru
Сана: 24.05.2024